ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «27» 10 соли 2026 № 395/09 ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсияи
Шарифзода Мавлонби Ибодулло

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270, банди 101 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва банди 109 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Шарифзода Мавлонби Ибодулло дар мавзуи «Хавфҳои табиӣ-техногенӣ бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар пояи моделкунонии системаи ноустувори динамикӣ (Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.33. Геоэкология бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Шарифзода М.И. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.33. Геоэкология пас аз 2 (ду) моҳ аз лаҳзаи имзо шудани фармоиши мазкур дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба муассисаи дахлдор дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Шарифзода М.И. аз 26.10.2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХАБА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода